# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба таъмини бехатарии хуни донорӣ ва такмили фаъолияти хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи миллӣ оид ба таъмини бехатарии хуни донорӣ ва такмили фаъолияти хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 20212025 ва нақшаи амалисозии он тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои барномаи мазкурро дар доираи маблағҳои буҷети давлатии ба соҳаи тандурустӣ пешбинишуда, инчунин созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва дигар манбаъҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии техникии амалисозии барномаро таъмин карда, аз натиҷаи чараёни иҷрои он ҳар сол то 20 декабр ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 октябри соли 2020, № 568

ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 октябри соли 2020, № 568

Барномаи миллӣ

оид ба таъмини бехатарии хуни донорӣ ва такмили фаъолияти хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи миллӣ оид ба таъмини бехатарии хуни донорӣ ва такмили фаъолияти хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд-Барнома) барои андешидани чораҳои таъхирнопазир оид ба таъмини бехатарии хуни донорӣ, такмили хадамоти хун ва рушди донории хун дар мамлакат равона карда шудааст.

2. Хадамоти хун яке аз қисмҳои муҳими таркибии соҳаи тандурустӣ маҳсуб ёфта, мақсад аз он таъмин намудани сифат, бехатарӣ ва дастрасии маҳсулоти хуни донорӣ ба беморон ва осебдидагон дар замони осоишта ва ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ба ҳисоб меравад. Он хусусияти стратегии умумидавлатӣ дошта, ба масъалаҳои бехатарии миллии давлат алоқаманд мебошад.

3. Барои фаъолияти босамар бояд дар тамоми самтҳо, аз ҷумла дар ҷодаи такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, татбиқи технологияҳои муосир, таҷдиди заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани тахассуси мутахассисони хадамоти хун, рушди донории хун ва ҷузъҳои он, татбиқи системаи назорати сифати маҳсулоти хуни донорӣ пурзӯр карда шавад, ки қабул ва амалӣ гардидани барномаи мазкур ҷиҳати рушди масъалаҳои зикргардида заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори хадамоти хун тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №215 «Дар бораи мутамарказонидани фаъолияти хадамоти хун» бо мақсади таъмин намудани дастрасӣ ва бехатарии сифати хун ва ҷузъҳои он ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мутобиқ будан ба стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ мутамарказонида шуд. Бо дарназардошти ҷорӣ намудани таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои Аврупо ва Осиё тавассути мутамарказ намудани хадамоти хун бо маводи сарфшавандаи якдафъаинаи хунтайёркунӣ ва бо тест-системаҳои баландсифат, инчунин ҷавобгӯ будани марказҳо ба стандартҳои қабулгардида, марказҳои хуни вилоятҳои Хатлон ва Суғд бо гузариш ба маблағгузории ҷумҳуриявӣ ба филиалҳои муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» табдил дода шуданд. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» бо 4 филиалҳояш (филиали муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, филиали муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, филиали муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, филиали муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) ва 63 ҳуҷраи нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иборат буда, дар онҳо 121 табиб ва 148 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият доранд. Роҳбарии ташкилию методӣ аз тарафи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» амалӣ карда мешавад.

5. Хадамоти хуни Тоҷикистон бо тариқи марказонидашуда фаъолияти пурсамар анҷом дода истодааст. Ин раванди фаъолият дар ҳама самтҳо беҳтар будани усули мазкурро нишон дод ва мақсади асосии он аз сари вақт таъмин намудани беморон ва ниёзмандон бо ҷузъҳои хуни баландсифат ва аз ҷиҳати сироятҳои трансмиссивӣ бехатар иборат мебошад. Илова бар ин, бо дарназардошти талаботи пешрафтаи тибби трансфузионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, баланд бардоштани савияю дониши мутахассисон, харидории дастгоҳҳои замонавӣ ва омодагии сохтор дар ҳолатҳои фавқулода, соҳаи мазкур мунтазам бозсозиро талаб менамояд. Таъмини марказҳои хун бо маводи сарфшавандаи яккаратаи босифат ва реагентҳои зарурӣ барои анҷом додани таҳлилҳои гуногун ва дастгоҳҳои лозимӣ як раванди асосие мебошад, ки маблағгузории иловагиро дар соҳа талаб менамояд.

6. Дар соли 2020 аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як таҷҳизоти замонавии озмоиши генетикии занҷираи полимеразӣ харидорӣ карда шудааст, ки айни замон бомуваффақият фаъолият намуда истодааст. Харидорӣ намудани таҷҳизоти озмоиши генетикии занҷираи полимеразӣ ба филиалҳои муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» ба нақша гирифта шудааст, ки аз рӯи имкониятҳои мавҷуда дар нақшаи иҷрои барномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

7. Солҳои 2011-2013 аз ҷониби фонди глобалӣ якчанд сентрифугаҳо (марказшаклдиҳӣ), яхдонҳои махсуси саноатӣ ва дигар дастгоҳҳои замонавӣ барои истеҳсол ва нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ харидорӣ гардида, ба марказҳои хун ва ҳуҷраҳои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ ирсол карда шуданд. Дастгоҳи мазкур муҳлати истифодаи худро доро мебошанд ва дар давраи муайяншуда эҳтимолияти корношоям шуданро дошта, дар навбати худ барои сифати нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ муаммоҳои ҷиддие ба бор оварда метавонад. Таъмин намудани муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» ва филиалҳои он дар вилоятҳо бо дастгоҳҳои замонавӣ ва яхдонҳои саноатӣ барои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ, яке аз масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти маҳдуд будани маблағгузории соҳа ва набудани дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ба миқдори зарурӣ харидорӣ намудани яхдонҳои саноатӣ барои нигоҳдории хун ба миён омадааст, ки барои бартараф намудани он чораҳои зарурӣ андешидан зарур аст.

8. Харидории маводи истифодаашон якдафъаина барои тайёр намудани хун ва ҷузъҳои он дар мисоли лейкофилтратсия, пробиркаҳои истифодаашон якдафъаина, тест-ситемаи баландсифат барои таҳлилҳои иммунологӣ ва вирусологӣ бо усулҳои иммуноферментӣ ва табодули занҷираи полимеразӣ зарурат дорад.

9. Ҷалб намудани доираҳои фаъол аз ҳисоби аҳолӣ ба сафи донорӣ ва таъмини бехатарии беморон ва ниёзмандон бо хуни донорӣ вазифаи асосии сохтори хадамоти хун мебошад. Дар ин раванд корҳои назаррас бо сомон расонида шудаанд, ки тариқи нақлиётҳои махсус дар шароити сайёр дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таҳсилоти олӣ, сохторҳои қудратӣ ва ғайра рӯзҳои донорӣ анҷом дода мешаванд. Бо усули нақшавӣ анҷом додани рӯзҳои донорӣ дар муассисаҳои гуногун барои рушди донорӣ такони ҷиддие ба миён овардааст. Вобаста ба идома додани ин раванд, ҷалб намудани қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба сафи донорӣ, баланд бардоштани масъулияти роҳбарони ташкилотҳо ва сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ корҳои иловагиро анҷом додан зарур аст.

10. Бо мақсади самаранок анҷом додани рӯзҳои донорӣ дар ташкилотҳои гуногун, мақсаднок иҷро намудани муоинаи иловагии кормандоне, ки ба сафи донорӣ дохил мешаванд, як раванди асосии баҳогузории ҳолати саломатии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад ва яке аз самтҳои бунёдии вазъи саломатии ҳар як шахс мебошад. Ин амал барои пешгирии бемориҳои гуногуни вирусӣ, баҳогузории вазъи саломатии донорон ва дар навбати худ барои баланд бардоштани ҳисси инсондӯстӣ ва хайрхоҳии мардуми кишвар мусоидат менамояд. Инчунин бо истифода аз васоити ахбори омма хабардор намудани аҳолии кишвар дар бораи аҳамияти хунсупорӣ ба саломатии инсон, барномаҳои гуногунро тариқи нақшавӣ анҷом додан зарур аст. Илова бар ин, бо мақсади рушди донории хун ва ҷузъҳои он, ҷалб намудани доираҳои васи аҳолӣ ба сафи донорӣ Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки лавҳаҳои иттилоотиро дар шабакаҳои телевизионии давлатӣ тариқи ройгон ба мардум пешкаш намояд.

11. Дар дини мубини ислом ва оятҳои Қуръони карим оид ба хунсупорӣ барои раҳоии ҳаёти одамон ва аҳамияти он барои саломатии шахси хунсупор маълумоти зиёде мавҷуд аст. Инчунин дар рӯзҳои муайяншуда ва арафаҳои Иди Қурбон хунсупорӣ ҳамчун амали нек ба ҳисоб рафта, ҳамчун як шакли хайрот барои сиҳатшавии беморон ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад аз тарафи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои таблиғотиро дар ин самт ҷоннок намудан зарур аст.

12. Таҷрибаи давлатҳои Аврупо ва Осиё дар раванди ҷалби аҳолӣ ба сафи донорӣ нишон додааст, ки тариқи нақшаи солона анҷом додани рӯзҳои донорӣ дар ташкилотҳои гуногун, бо дар назар доштани талаботи ҳаррӯза ва захира ҷузъҳои хуни донорӣ дар ҳолатҳои фавқулода, самараи хубе ба даст овардаанд.

13. Дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донорон дар рӯзи хунсупорӣ бо мақсади барқарор намудани ҳаҷми хуни супоридашуда бар ивази хӯроки серғизо бо як ва якчанд нишондиҳанда барои ҳисобҳо (вобаста ба намуди хунсупорӣ) пешбинӣ карда шудааст, инчунин барои баҳогузории вазъи саломатии донорон таҳлилҳои иловагии зарурӣ гузаронида мешавад. Барои ҷалб намудани шахсони алоҳидае, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ дар муддати пешбинишуда аз муоинаи тиббӣ мегузаранд (табибон, кормандони мақомоти қудратӣ, ошхонаю тарабхонаҳо ва ғайра), зарурати муоинаи тиббии иловагӣ, ки таҳлилҳои онҳо дар вақти хунсупорӣ анҷом меёбад, бояд ба инобат гирифта шуда, дар тамоми соҳаҳо ба танзим дароварда шаванд. Зеро чунин амал коҳиш додани хароҷоти такрорӣ, вақти корӣ ва мақсаднок анҷом додани хулосаҳои доноронро ба танзим медарорад. Ҳамзамон, чунин усул шахсони гуногунро ба сафи донорӣ ҷалб ва барои зиёд намудани шумораи донорон мусоидат менамояд.

14. Яке аз самтҳои асосии самаранок истифодабарии ҷузъҳои хун, ин ташкил намудани ёрии тиббии трансфузионӣ, беҳтар намудани донишу малакаи трансфузиологҳо дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ мебошад. Дар муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» шуъбаи таълимию методӣ амал менамояд, ки тибқи нақша ҳамасола дар пойгоҳи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» ба таври сайёр курсҳои такмили ихтисос ва давраҳои омӯзишӣ ташкил карда мешаванд ва ин равандро минбаъд низ идома додан зарур аст.

15. Бо мақсади самаранок анҷом додани омӯзиши мутахассисони соҳавӣ ва барои баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мунтазам ташкил кардан зарур аст.

16. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дорои иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дорад. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар он шӯрои олимон фаъолият намуда, марказ аккредитатсияи давлатии муассисаи илмиро доро мебошад.

17. Татбиқи самараноки истифодаи клиникии ҷузъҳои хуни донорӣ яке аз самтҳои муҳими трансфузиологияи клиникӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд, самтҳои гуногуни трансфузиологияи клиникӣ, ба монанди гемостазиология, иммунология, иммуносерология ва ғайра аҳамияти хосаи клиникиро барои табобати беморон доро мебошад. Паст будани заминаи омӯзиши дониши мутахассисон, норасогии кафедраҳои дахлдор, кам будани соатҳои дарсӣ дар донишгоҳҳои олии тиббӣ, донишкадаҳои баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ ва коллеҷҳои тиббӣ, муаммоҳои дахлдорро ҷиҳати самаранок анҷом наёфтани табобат ва норасогии донишу малакаи мутахассисон ба бор овардааст. Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта зарур аст, ки дар муассисаҳои номбаршуда доир ба масъалаҳои рушди донорӣ, истифодаи самараноки клиникии ҷузъҳои хуни донорӣ, азхудкунии мафҳумҳои асосии системаи гемостаз соатҳои иловагӣ ҷорӣ карда шаванд. Ҳамзамон бояд дар барномаҳои омодагии касбӣ, омӯзиши баъдидипломӣ ва барномаҳои такмили ихтисос дар соҳаи истифодаи клиникии ҷузъҳои хуни донорӣ барои духтурони муолиҷавӣ, (клинисистҳо) кормандони марказҳои хун, табибони ҳуҷраҳои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ ва дигар мутахассисоне, ки дар раванди тайёркунӣ ва гузаронидани ҷузъҳои хуни донорӣ иштирок менамоянд, дарсҳои назариявӣ ва амалӣ зиёд карда шаванд.

18. Яке аз шартҳои муҳими бомуваффақият фаъолият намудани муассисаҳои хадамоти хун ва муассисаҳои тиббию профилактикӣ ин мавҷуд будани заминаи меъёрии клиникӣ мебошад. Ҷорӣ намудани шароити фароҳам барои анҷом додани таҳлилҳои иммуносерологӣ, ба монанди муайян намудани гурӯҳи хун ва мувофиқакунонии инфиродӣ дар ҳама сохторҳои муассисаҳои табобатию профилактикӣ, ки дар раванди фаъолияти худ ба хунгузаронӣ сарукор доранд, амалӣ намудан зарур аст.

19. Сари вақт омода будани ҳуҷраҳои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ, захира намудани ҷузъҳои хуни донорӣ бо дар назар доштани талаботи ташкилотҳо ва ҳолатҳои фавқулода, нақши муҳим мебозанд. Вале аз сабаби таъминоти пасти моддию техникӣ, норасогии маблағгузорӣ, фаъолияти кории онҳо дар бисёр муассисаҳои табобатию профилактикӣ дар ҳолати паст қарор доранд.

20. Тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ бо тариқи мутамарказ ҷамъоварӣ ва коркарди хуни донорӣ дар заминаи марказҳои хун барои баланд бардоштани сифат ва бехатарии ҷузъҳои хуни донорӣ мусоидат намудааст. Дар ин самт барои сари вақт таъмин намудани беморон ва ниёзмандони бо ҷузъҳои хуни донорӣ фаъолияти ҳуҷраҳои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донориро пурзӯр намудан зарур аст.

21. Таҳия намудани нақшаи ҷамъоварии хуни донорӣ дар сохторҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо яке аз масъалаҳои асосии рушди донорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд бозсозиҳои

назаррасе ба вуҷуд омадааст, ки бо тариқи марказонидашуда ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили хуни донорӣ аз вирусҳои бо тариқи хун интиқолёбанда анҷом меёбад. Новобаста ба ин, бо мақсади пайдо намудани оинаи серонеготивӣ, пешгирии сироятёбии беморон дар вақти хунгузаронӣ аз вирусҳои трансмиссивӣ, коҳиш додани оризаҳои гуногуни бемориҳо ҳангоми хунгузаронӣ яке аз масъалаи мубрам боқӣ мемонад.

22. Аҳамияти хунсупорӣ барои саломатии одамон ва бозсозии ҳуҷайраҳои хуни донорон, инчунин бартарии хунсупорӣ барои пешгирии бемориҳои системаи дилу рагҳо ва иммунӣ барои саломатии мардум мақсаднок мебошад.

23. Шумораи донорони ихтиёрӣ нисбат ба соли 2010 якчанд маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳамасола шумораи донорони ихтиёри аз 7,5 то 7,8 фоиз зиёд мегарданд, ки ин падидаи мусбият мебошад. Илова бар ин, бо мақсади самаранок ва дар сатҳи зарурӣ идома додани ҷалби аҳолӣ ба донорӣ ва зиёдшавии сафи донорони ихтиёрӣ барои пешгирии муаммоҳои бамиёномада, ҷорӣ намудани нақшаю чорабиниҳо ҷиҳати рушди донории хун ва ҷузъҳои он чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намудан лозим аст.

24. Бо мақсади омӯзиш ва санҷиши ҷараёни иҷрои фармоишҳои алоқаманди вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои истифодаи ҷузъҳои хун ҳамасола якҷо бо намояндагони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагони раёсатҳои тандурустии вилоятҳо гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, ба таври нақшавӣ бо роҳбарии мутахассисони муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуда, ҷиҳати иҷрои масъалаҳои мубрами тибби трансфузионӣ пешниҳодҳои муфид дода мешаванд. Дар баробари ин, ба мутахассисони соҳавӣ дар минтақаҳо ҷиҳати расонидани кумаки тибби трансфузионӣ дастуру маслиҳатҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд. Вале дар баъзе ҳолатҳо аз сабаби паст будани шароити таъминнокии муассисаҳои тиббию профилактикӣ бо ҷузъҳои хуни донорӣ тариқи марказонидашуда дар ҳолатҳои фаврӣ (асосан дар ноҳияҳои дурдаст) гузаронидани хуни яклухт ба назар мерасад. Ин раванд боиси сироятёбии беморон аз донорони тасодуфӣ гардида, барои паҳн гардидани сироятҳои трансмиссивӣ мусоидат менамояд. Инчунин дар трансфузиологияи муосир доир ба оризаҳои зиёд ҳангоми гузаронидани хуни яклухт маълумотҳои зиёде мавҷуд аст. Бо мақсади роҳ надодан ба камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати пешгирии гузаронидани хуни яклухт, баҳогузории оризаҳои гемотрансфузионӣ ва захира намудани ҷузъҳои хуни донорӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ чораҳои иловагӣ андешидан зарур аст.

25. Яке аз қисмҳои муҳими таркиби трансфузиологияи клиникӣ ин гемостазиология мебошад, ки ба ҳама зинаҳои гуногун ва тахассусии табибон рост меояд. Дар ин раванд баррасӣ ва ташкил намудани дастурамали алоҳида вобаста ба системаи гемостаз махсусан ҳангоми ҳолатҳои хунравии акушерӣ, бо мақсади дуруст баҳогузорӣ намудани беморон аз тарафи табибони муолиҷавӣ дастурамалҳои клиникӣ ҷорӣ намудан муҳим арзёбӣ мегардад.

26. Яке аз масъалаҳои мубрами трансфузиологияи муосир ин пешгирии сироятёбии беморон аз ҷузъҳои хуни донорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд назорати мақсадноки истифодаи ҷузъҳои хуни донорӣ, таъсис додани мониторинги беморони сироятёфта, назорати сифати ҷузъҳои хуни донорӣ ва коркарди он бо истифода аз тест- системаҳои баландсифат, барои таҳлили

сироятҳои трансмиссивӣ, реагентҳои моноклоналӣ ва халтачаҳои хунгирӣ анҷом меёбад, харидорӣ намудан зарур аст.

27. Таъмин намудани раванди рушди донорӣ аз роҳбарияти ташкилотҳои давлатӣ ва фаъолона иштирок намудани онҳо дар чорабиниҳои хунсупорӣ вобастагии аввалиндараҷа дорад. Сатҳи пасти донорӣ ва тағйир ёфтани сохтори он асосан бо вазъияти мураккаби иҷтимоию иқтисодии мамлакат, барҳам додани системаи қаблии нақшавии ташкил намудани донории хун, иштироки ғайрикофии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар ҳалли ин масъала вобастагӣ дорад. Маъмурияти ташкилотҳое, ки қаблан барои анҷом додани сафарҳо бо мақсади ҷамъоварӣ намудани хуни донорӣ амалӣ карда мешуданд, дар гузаронидани чунин саҳмияҳо мавқеи ғайрифаъолро ишғол мекунанд ва баъзан барои иштироки коллективи меҳнатӣ дар супоридани хун монеа мегарданд. Барои барҳам додани чунин амал ва дар амалия татбиқ намудани усулҳои гуногуни рушди донорӣ аз таҷрибаҳои давлатҳои пешрафта самаранок истифода намуда, табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз он ҷумла зиёиён, хизматчиёни давлатӣ ва шахсони маъруфи ҷамъятиро ба сафи донорӣ ҷалб намудан мақсаднок аст.

28. Феҳристи миллии донорӣ дар тамоми сохторҳои хадамоти хуни ҷумҳурӣ бо тариқи марказонидашуда фаъолият намуда, шахсоне, ки хуни донорӣ месупоранд, новобаста дар кадом марказ супориданашон тариқи феҳристи миллии донорӣ пайдо мегарданд ва бо таври дастрас маълумоти пурраи тиббӣ пайдо гардида, барои хунсупории минбаъда бо сарфа намудани вақти кӯтоҳ иҷозат дода мешавад. Ҳангоми пайдо гардидани хулосаҳои мусбати сироятҳои бо тариқи хун интиқолёбанда бо таври автоматикӣ корти донорӣ баста шуда, дар тамоми сохторҳои хадамоти хуни ҷумҳурӣ хунсупории такрорӣ иҷозат дода намешавад, ки яке аз самтҳои босамари таъмини бехатарии ҷузъҳои хуни донорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, барои самаранок истифода бурдани системаи иттилоотӣ, такмил додани феҳристи миллии донорӣ ва дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани бақайдгирии донорон бо тариқи изи дастҳоро ҷиҳати пешгирии хатогиҳои ғайричашмдошт ва коҳиш додани вақти бақайдгирии донорон дар тамоми сохторҳои хадамоти хуни ҷумҳурӣ ҷорӣ намуда, ба расмият даровардан зарур аст. Ҳамзамон мубодилаи дақиқи маълумот, ҳисобот ва ҳаҷми захираҳои ҷузъҳои хуни донориро бо истифода аз барномаҳои феҳристи милии донорӣ такмил додан зарур аст.

29. Новобаста аз ҷорӣ намудани системаи босамари муоинаи донорон, пурсишномаҳои иловагӣ, бақайдгирӣ ва санҷиши ҳолати муроҷиаткунандагон шахсоне вомехӯранд, ки таърихи бемориҳои гуногунро доро мебошанд ва барои донор шудан дорои ғайринишондод мебошанд. Бо мақсади дуруст интихоб намудани шахсони бори аввал муроҷиатнамуда бо истифода аз феҳристи миллии донорӣ дар рӯйхати донорони хатарнок санҷида мешавад. Ҳамзамон барои мунтазам такмил додани шумораи шахсони гирифтори бемориҳои гуногуни сироятӣ, мубодилаи маълумот бо чунин муассисаҳо, аз қабили маркази вируси норасоии масунияти одам, бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, марказҳои гепатит, бемориҳои сил ва ғайра барои пешниҳод намудани рӯйхати беморон ва дар системаи иттилоотӣ ворид намудани онҳо зарур аст.

30. Барои гирифторони бемории системаи лахтабандии хун ва саратони хун мунтазам гузаронидани ҷузъҳои хуни донорӣ зарур аст. Чунин беморон дар даврҳои

гуногун (бисёри аз онҳо тамоми умр) барои гирифтани ҷузъҳои хуни донорӣ ва омилҳои алоҳидаи маводи хун эҳтиёҷ доранд.

31. Истеҳсоли маводи хуни донорӣ як масъалаи мубрами соҳа ба шумор меравад, ки барои ҷорӣ намудани он технологияҳои муосири иловагӣ ва таҳлилгоҳҳои соҳавӣ ташкил намудан зарур аст.

32. Бемории ирсии гемофилияи намудҳои гуногун асосан бо тариқи ирсӣ аз модар ба фарзанд мегузарад ва 30 фоизи онҳо дар шакли мутатсияи нав аз ҳисоби акди никоҳи хешутаборӣ ва дигар бемориҳои ирсӣ ба вуҷуд меояд. Аз рӯи маълумоти соли 2019 дар Тоҷикистон зиёда аз 600 бемори гирифтори гемофилия ва бемории виллебрандӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, зиёда аз 300 бемори номбаршуда кӯдакони то 16-соларо дар бар мегиранд, ки барои табобати онҳо ҷузъҳои хуни донорӣ ва омилҳои алоҳидаи доруворӣи аз хуни донорӣ тайёрнамуда истифода бурда мешаванд. Ҳамзамон, ҳар сол ба ҳисоби миёна зиёда аз 900 бемори гирифтори лейкози шадид ва музмин муолиҷа карда мешаванд, ки 90 фоизи онҳо ба гузаронидани хун ва ҷузъҳои он эҳтиёҷ доранд.

33. Дар баъзе оилаҳо якчанд фарзандон гирифторони бемории ирсии гемофилия ва бемории гематологӣ зиндагӣ мекунанд, ки барои табобат ва нигоҳубини онҳо муаоммоҳои ҷиддии иҷтимоиро ба бор овардааст. Дар ин самт зарур аст, ки баҳри расонидани хизматрасонии ройгон аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағҳои иловагӣ барои беморони бақайдгирифташуда ҷудо карда шаванд. Илова бар ин, маълумоти пурра барои пешгирии акди никоҳи хешутаборӣ, кам намудани таваллуди чунин кӯдакон, андешидани чораҳои муфид ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷамъият, баҳри пешгирии акди никоҳи хешутаборӣ ва дар ин раванд коҳиш додани таваллуди кӯдакони бемориҳои ирсии системаи лахтабандии хун ва дигар бемориҳои ирсии гематологӣ чораҳои мушаххас андешидан зарур аст.

34. Нишондодҳои асосии таъмини сифати таҳлилгоҳҳо, ин дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ, омӯзиши кадрҳо ва такмили заминаи моддию техникии таҳлилгоҳ ва дар ин раванд таъмини бехатарии сироятии маҳсулоти хун, пеш аз ҳама бо ташхиси муътамад ва босифати лабораторӣи сироятҳои трансмиссивӣ (вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳо, сифилис) таъмин карда мешавад.

35. Хатари роҳ додан ба хатогӣ, ки бо омили инсонӣ алоқамандӣ дорад, махсусан дар сохтори хадамоти хун оқибатҳои ногуворро ба бор меорад. Аз ин сабаб, татбиқ намудани технологияи автоматикунонии бақайдгирии донорон, таҳқиқотҳои лабораторӣ дар заминаи системаи ягонаи иттилоотии маркази хун, ки ба ҳадди ақал барои кам кардани таъсири манфии омили инсонӣ равона карда шудааст, бояд яке аз самтҳои афзалиятнок дар ташкил намудани хадамоти муосири лабораторӣи марказҳои хун гардад.

36. Муддати якчанд соли охир таҳлилгоҳи иммуноферментӣ ва аксуламали полимерази занҷирӣ барои баҳодиҳии сифати берунаи байналмилалӣ дақиқтараш намунаҳои номаълуми таҳлилҳои гуногун аз шаҳри Мелбурни Ҷумҳурии Австралия истифода мешуданд. Хулосаи нишондодҳо 100 фоиз мувофиқатро нишон дод, яъне фаъолияти таҳлилгоҳ ба дараҷаи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Ин раванд дар солҳои охир бинбар маблағгузорӣ нагардидан аз тарафи шарикони рушд амалӣ нашудааст. Бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати фаъолияти таҳлилгоҳ гузаронидани таҳлилҳои системаи берунаи назорати сифат ва мубодилаи таҷрибаи корӣ зарур аст.

37. Дар самти муайян намудани талабот ба ҷузъҳои хун ва бозсозӣ намудани дастурамалҳои клиникӣ, протоколҳои зарурӣ ва нишондодҳо барои гемотрансфузия якчанд дастурамалҳои стандартӣ ба сомон расонида шудааст. Ин равандро минбаъд низ вобаста ба дастовардҳои соҳа такмил додан зарур аст.

38. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои дастуриву таълимӣ оид ба масъалаҳои рушди хадамоти хун аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ таҳия, такмил ва ба самтҳои дахлдори он тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ гардиданд. Ин равандро минбаъд низ вобаста ба ҷорӣ намудани усулҳои нави трансфузиологияи истеҳсолӣ ва клиникӣ тибқи тартиби муқарраргардида идома додан зарур аст.

39. Бо сабаби норасогии мутахассисони соҳавӣ ва мушкилоти кадрӣ дар вақти тақсимоти тахассусгирӣ ва ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи мазкур мушкилоти ҷиддӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки мутахассисони болаёқат баъди хатми муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо роҳхат ба марказҳои хун равона карда шаванд.

40. Яке аз самтҳои босамари фаъолияти марказҳои хун аз ҷорӣ намудани мубодилаи кории мутахассисон бо марказҳои бузурги хориҷии дуру наздик асос меёбад. Барои дар сатҳи баланд фаъолият намудан ва ҷавобгуй будани марказҳои хун ба стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ мубодилаи мунтазами корро бо марказҳои бузурги минтақа ва байни филиалҳои марказ анҷом додан зарур аст.

41. Рушди босуръати тибби трансфузионӣ, пайдо шудани технологияҳои нав дар соҳаи трансфузиология зарурати такмил додани системаи тайёркунии касбии мутахассисон, ташаккул ва рушди заминаи илмиро дар соҳаи трансфузиологияи клиникӣ ва истеҳсолӣ ба миён овардааст.

42. Рушди босуръати хадамоти хун дар тамоми самтҳо аз пурзӯр намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, татбиқи технологияи муосир, тайёрии касбии мутахассисон, рушди донории ихтиёрии ройгон ва татбиқи системаи назорати сифат вобаста буда, маблағгузории иловагӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо талаб карда мешавад.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

43. Мақсади барнома таъмин намудани бехатарӣ, сифат ва дастрасии ҷузъҳои хуни донорӣ ба беморон, баланд бардоштани иқтидори сохтори хадамоти хун, омодагии ҳаматарафа ҷиҳати сари вақт ва бо сифати баланд таъмин намудани муассисаҳои тиббию профилактикӣ бо хуни босифат, инчунин дар ҳолатҳои фавқулода ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ба ҳисоб меравад.

44. Вазифаҳои асосии барнома аз инҳо иборат мебошад:

- такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сохтори ташкилии хадамоти хун;
- татбиқи технологияҳои муосир дар асоси таҷдиди заминаи моддию техникӣ;
- баланд бардоштани тахассуси мутахассисони хадамоти хун;
- рушди донории хун ва ҷузъҳои он дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ;
- ташкили системаи назорати сифати маҳсулоти хуни донорӣ.

## 4. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

45. Маблағгузории барномаи мазкур дар доираи маблағҳои буҷети давлатии ба соҳаи тандурустӣ пешбинишуда, инчунин созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

46. Муҳлати амалишавии барномаи мазкур солҳои 2021-2025-ро дар бар гирифта, дар муддати муқаррараргардида нақшаи чорабиниҳои он, мақсад ва вазифаҳои пешниҳодшуда иҷро мегарданд.

## 5. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДАИ БАРНОМА

47. Баланд бардоштани системаи босамари мутамаркази хадамоти хун ва ҳалли мушкилоти таъмин намудани беморон ва ниёзмандон бо ҷузъҳои хуни донорӣ, ки ба стандартҳои сифати байналмилалӣ мувофиқ аст, аз ҳисоби чорабиниҳои зерин таъмин карда мешаванд:

- такмил додани заминаи қонунгузорӣ ва ташкилии сохтори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун», филиалҳои вилоятии он ва ҳуҷраҳои нигоҳдории ҷузъҳои хуни донорӣ дар ташкилотҳои тиббию профилактикии ҷумҳурӣ, инчунин баланд бардоштани савияи дониши трансфузиологҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ;
- дар солҳои 2021-2025 такмил ва таҳкими мутамарказии соҳаи хун, таъмини босамари фаъолияти марказҳои хун, ҷалб намудани доираҳои васеи аҳолӣ ба сафи донорӣ, мукаммал сохтани фазои ягонаи иттилоотию компютерӣ дар сатҳи миллӣ (дар заминаи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»);
- дар давоми солҳои 2021-2025 ташкил намудани лабораторияҳои занҷираи полимеразӣ ва иззоиммунологӣ бо мақсади ҷорӣ намудани таҳлилҳои дақиқ ва дар навбати худ таъмини ташкилотҳои тиббию профилактикии ҷумҳурӣ бо ҷузъҳои хуни бехатар.

48. Марҳила ба марҳила татбиқ намудани технологияҳои муосир, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳои таълимӣ ва таъмин намудани муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии хун” бо таҷҳизоти замонавӣ барои таҳлили хуни донорӣ аз ҳисоби чорабиниҳои зерин таъмин карда мешаванд:

- дар солҳои 2021-2025 таҳия намудани дастурамалҳо, протоколҳои клиникӣ, зиёд намудани соатҳои дарсии соҳавӣ дар донишгоҳҳои тиббӣ ва донишкадаҳои баъдидипломӣ, омода намудани мутахассисони ҷавон, такмил додани дониши назариявии мутахассисон, инчунин стандарту талаботи ягона ба таҷҳизот ва маводи сарфашаванда, таъмин намудани лабораторияҳои назорати сифат дар муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»;
- дастрас намудани маводи истифодаашон якдафъаина барои тайёр намудани хун ва ҷузъҳои он, лейкофилтратсия, пробиркаҳои истифодаашон якдафъаина тест-системаҳои баландсифат барои таҳқиқи хуни донорон барои сироятҳои трансмиссивӣ бо усулҳои иммуноферментӣ ва табодули занҷирии полимеразӣ, реагентҳои моноклоналӣ ва бисёрклоналӣ;
- такмили ихтисоси мутахассисони хадамоти хун дар марказҳои хуни таълимгоҳҳои пешрафтаи хориҷи дуру наздик ва даъват намудани мутахассисони варзидаи хадамоти хун барои тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони

хадамоти хун дар заминаи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»;

- рушди шаклҳои гуногуни донории хун, ҷузъҳои он ва дар асоси татбиқи таҷрибаи байналмилалии ташкил намудани он, ҷалб намудани Кумитаи марказии ҷамъияти Ҳилоли аҳмари Тоҷикистон, пешвоёни сиёсӣ, динӣ, шахсони машҳури давлат, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ташвиқу тарғиби донории ройгон.

## 6. САМТҲОИ АСОСӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

49. Дар асоси механизмҳои зерин дар самтҳои такмили шароити истеҳсолии марказ, истифодаи самараноки клиникии хун ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохтори хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд:

- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои рушди хадамоти хун тавассути ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани онҳо;

- таҳия ва татбиқи стандарти системаи иттилоотии маркази хун;

- таҳияи стандарту талаботи ягона барои таҷҳизонидани хадамоти хун ва таъмин намудани он бо маводи сарфшаванда;

- таъмин намудани марказҳои хун бо таҷҳизоти махсусгардондашудаи тайёр кардан, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва интиқоли ҷузъҳои хун, таҳқиқи баландсифати лаборатории намунаи хуни донорҳо;

- таҷҳизонидани хадамоти хун бо компютерҳои соҳавӣ ва таҷҳизоти серверӣ ҷиҳати таҳкими системаи иттилоотии хадамоти хун;

- таъмин намудани марказҳои хун бо яхдонҳо ва дастгоҳҳои сентрофугии (марказшаклдиҳӣ) махсусгардонидашуда барои тайёр намудани хун ва ҷузъҳои он, инчунин дастгоҳҳои иловагӣ барои ҷамъоварӣ ва тайёр намудани хун дар шароити сайёр;

- таъмин намудани марказҳои хун бо тест-системаҳои баландсифат ва маводи сарфшавандаи истифодаашон яккарата барои таҳқиқи сироятҳои трансфузионӣ;

- таъмин намудани марказҳои хун бо реагентҳои моноклоналӣ ва маводи сарфшавандаи истифодаашон яккарата барои гузаронидани таҳқиқоти иммуногематологии донорҳо, хунқабулкунандаҳо ва ҳомиладорон;

- татбиқи технологияи агглютинатсия дар гел ва муайянкунии таҳлилҳои иммунологӣ бо тариқи автоматикӣ;

- таъмин намудани марказҳои хун бо маводи сарфшавандаи тайёр намудани хун ва ҷузъҳои он, лейкофилтратсия бо дар назар доштани таҷҳизоти мавҷуда ва миқдори баҳисобгирифташудаи донории хун ва ҷузъҳои он, инчунин маводи сарфшаванда барои дастгоҳҳои автоматикии плазмоферез;

- таъмин намудани шуъбаҳои хунгузаронӣ ва ҳуҷраҳои табобати трансфузионӣ бо таҷҳизоти махсусгардондашудаи нигоҳдории ҷузъҳои хун;

- омода намудани мутахассисони соҳаи хадамоти хун, гузаронидани санҷишҳо ва баҳогузории донишу савияи кормандони соҳаи хадамоти хун аз тарафи муассисаи ҷумҳуриявии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»;

- такмили ихтисоси мутахассисон дар заминаи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун», инчунин дар марказҳои пешрафтаи давлатҳои хориҷии дуру наздик;

- даъват намудани мутахассисони хориҷии соҳаи тибби трансфузионӣ барои гузаронидани курсҳо, тренингу семинарҳо бо мақсади дар заминаи

муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» тайёр намудани мутахассисони хадамоти хун;

- пурзӯр намудани фаъолияти шӯрои олимони марказ ва дар ин раванд тақвият бахшидани рушди корҳои илмию-таҳқиқотӣ.

50. Рушди донории хун ва ҷузъҳои он дар асоси татбиқи таҷрибаи байналмилалии ташкил намудани он пешбинӣ менамояд:

- рушди донории ихтиёрии ройгон тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо роҳи ҷойгиркунонии фармоиши иҷтимоӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин бо тариқи нақшавӣ анҷом додани рӯзҳои донорӣ дар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ба донорӣ ҷалб намудани хизматчиёни ҳарбии воҳидҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомот, инчунин дар ин раванд таъмин намудани муоинаи тиббии хизматчиёни мақомоти қудратӣ;

- ташкил намудани донории ихтиёрии ройгон дар шароити сайёр;

- таъмин намудани ғизои донории ройгон мутобиқи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

51. Ташкил намудани системаи идоракунии сифати маҳсулоти хун, таҳияи стандартҳои сифати ҷузъҳои донорӣ ва доруҳои хун, стандартҳои таҳқиқоти лабораторӣ ва стандартҳои нишондиҳандаҳои истифодаи клиникии воситаҳои трансфузионӣ, ки усулҳои трансфузиологияи клиникиро пешбинӣ менамояд.

52. Беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба ҳама гуна беморони, ки ба кумаки трансфузиологӣ эҳтиёҷ доранд:

- таҳия намудани дастурамалҳои соҳавӣ оид ба истифодаи клиникии ҷузъҳои хуни донорӣ;

- баланд бардоштани дониши табибони муолиҷавӣ;

- сари вақт расонидани хизматрасонии трансфузиологӣ ҳангоми хунравии акушерӣ;

- баланд бардоштани мубодилаи корӣ бо мутахассисони муассисаҳои тиббию профилиактикӣ ва марказҳои хун;

- баланд бардоштани мафҳумҳои асосии гемостазиология дар таҷрибаи табибони муолиҷавӣ;

- самаранок таъмин намудани даъвати бригадаи трансфузионӣ ва мукаммалгардонии хизматрасонии трансфузионӣ ҳангоми хунравиҳои шадид.

# МАФҲУМҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

Дар Барномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**- аккредитатсия** - расмиёти эътироф намудани мақоми махсус ва соҳибҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани фаъолияти тиббию фарматсевтӣ, инчунин, барои гузаронидани арзёбии мустақили экспертии фаъолияти субъектҳои тандурустӣ мутобиқи стандартҳои муқарраршудаи аккредитатсия;

**- албумин** - сафедаи плазмаи хуни одам буда, дар бадани инсон функсияҳои ҷаббанда, интиқолӣ ва гемодинамикиро иҷро намуда, захираи асосии сафедаи организм мебошад;

**- плазмаи зиддистафилококкӣ** - плазмаи зиддистафилококкии ба тозагӣ яхкунонидашуда, ки дар таркиби худ ҷисмҳои бегонаи махсуси зиддистафилококкиро бо титри баланд дорад. Аз донорҳое тайёр карда мешавад, ки бо анатоксини стафилококкӣ эм карда шудаанд. Он дар муолиҷаи бемориҳои римдору тааффунии пайдоишашон стафилококкӣ истифода бурда мешавад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар ҳарорати пасттар аз -25°С то 3 сол мебошад;

**- коннектори асептикӣ** - дастгоҳ барои пайвасткунии бесирояти магистралҳои контейнерҳои пластикӣ бо хун ё ҷузъҳои он мебошад. Принсипи системаи пӯшидаро таъмин менамояд;

**- аутогемотрансфузия** - трансфузияи (баргардонидани) хуни худӣ ё ҷузъҳои онро ба ресипиент (бемор) дар назар дорад, ки аз он пешакӣ тайёр карда шудааст;

**- ҷузъҳои аутологии хун** - ҷузъҳои хун, ки аз шахси воқеӣ бо мақсади дар ҳолати зарурӣ ба худи вай гузаронидан тайёр карда шудаанд;

**- аферез** - аз хуни даврзананда гирифтани ҷузъҳои алоҳидаи хун ва тайёр намудани он бо истифодаи сепараторҳои махсуси ҳуҷайраҳои хун;

**- валидатсия** - амале, ки тибқи принсипҳои таҷрибаи зарурии истеҳсолӣ исбот менамояд, ки ягон хел методика, раванд, таҷҳизот, ашёи хом, фаъолият ё система дар воқеъ боиси натиҷаҳои пешбинишаванда мегардад;

**- иммуноглобулини дохиливаридӣ** (ИГДВ) - доруи хун, ки дар таркиби худ фраксияи иммуноглобулинии хунро дошта, барои тазриқи дохиливаридӣ пешбинӣ шудааст;

**- тарозу-омехтакунанда** - дастгоҳест, ки барои назорати миқдори зарурии хуни аз донор гирифташаванда ва омехтакунии баробари он бо маҳлули консервакунандаи контейнер (гемакон) ҳангоми тайёр намудани хун пешбинӣ карда шудааст;

**- вирусҳои лейкози Т-ҳуҷайравӣ** - вирусҳои Т-лимфотропии навъҳои I ва II-и одам (HTLV–I), ки боиси бемориҳои бадсифати системаи хун ва иллати системаи марказии асаб мегарданд. HTLV–I ба ретровирусҳо, HTLV–II бошад, ба онковирусҳо дохил мешаванд. Онҳо дорои лимфотропият ва нейротропияти зоҳиршаванда мебошанд;

**- вирусинактиватсия** - усуле мебошад, ки ғайрифаъол намудани вирусҳоро дар ҷузъҳо ва маводҳои хун таъмин менамояд. Ғайрифаъолнамоии вирус кимиёвӣ ва ҳароратӣ мешавад;

**- ҳомили вирус** - одами бо ин ё он вирус сироятшуда бе аломатҳои клиникии ин беморӣ, ки вирус ба вуҷуд меоварад;

**- назорати дохили лабораторИИ сифат** (НДС) - маҷмӯи чорабиниҳое, ки аз тарафи кормандони озмоишгоҳ барои арзёбии доимии сифати корҳои озмоишгоҳӣ ва натиҷаҳои ҳосилшуда андешида мешаванд;

**- арзёбии берунии сифат** (АБС) - ин усули санҷиши воқеии таҳқиқоти озмоишгоҳӣ мебошад, ки аз тарафи ташкилоти беруна гузаронида мешавад. Барномаи арзёбии берунии сифат барои гирифтани иттилоот оид ба мушкилоти имконпазири сифат дар ҳар як озмоишгоҳи алоҳида имконият медиҳад;

**- гемофилия** - ин ихтилоли генетикӣ мебошад, ки бо норасоӣ ё набудани яке аз сафедаҳои (ё омилҳои) плазмаи хун, ки барои лахташавии он ҷавобгар мебошад, вобастагӣ дорад. Дараҷаи пасти яке аз сафедаҳои плазма боиси хунравӣ ва душвории лахташавии хуни бемор мегардад. Норасоии аз ҳама паҳншудаи сафедаи лахташавии хун норасоии омили VIII мебошад, гарчанде ҳар яке аз ин омилҳо метавонанд мавҷуд набошанд ё нокифоя бошанд. Норасоии омили IX аз рӯи басомад ҷои дуюмро ишғол мекунад. Норасоии омили VIII–гемофилияи А–гемофилияи муқаррарӣ мебошад. Норасоии омили IX–гемофилияи В–бемории Кристмас мебошад. Барои муолиҷаи ин ду намуди гемофилия доруҳои хун - консентратҳои омилҳои VIII ва IX истифода бурда мешаванд;

**- донатсия** - чорабинии аз ҷониби донор додани хун ё плазма;

**- функсияи донорӣ** - иқдоми ихтиёрии донор, ки муоинаи тиббӣ ва иҷрои чорабинии додани хун ва ҷузъҳои онро бо мақсадҳои тиббӣ дар бар мегирад;

**- маркази ягонаи иттилоотии донорӣ** - сохтори маркази хун, ки вазифаи асосии он ҷамъоварии маълумот оид ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам сироят ёфта, зардпарвинҳои вирусӣ, оташак, ки дар қайди муассисаҳои махсусгардондашудаи тиббӣ ба мақсади роҳ надодани ин доираи одамон барои иштирок дар донорӣ қарор доранд, инчунин маълумоти бойгонӣ оид ба донорҳо мебошад;

**- кафшеркунандаи магистралҳо** - асбоби барои кафшеркунии магистралҳои контейнерҳои пластикии хун ва ҷузъҳои он пешбинӣ шудааст. Принсипи системаи пӯшидаро таъмин менамояд;

**- таҳқиқоти изоиммунологӣ (иммуногематологӣ)** - ба гурӯҳҳо ҷудо намудани хун аз рӯи антиген ва ҷисмҳои бегонаи гуногуни гурӯҳӣ (таҳқиқи мансуб будани хуни донорӣ ба системаи АВО ва резус ҳатмӣ мебошад);

**- зардобҳои изогемаглютинатсиякунанда (стандартӣ)** - стандартҳои ташхисӣ, ки аз хун ва баъзе моеъҳои дигари организми одам тайёр карда, мансубияти муайяни гурӯҳӣ доранд ва барои муайян намудани гурӯҳи хуни одам пешбинӣ карда шудаанд;

**- иммуноглобулини мӯътадил** - фраксияи аз ҷиҳати иммунологӣ фаъоли зардоби хуни одам, ки аз зардоб ё плазмаи хуни одам ҷудо карда шудааст. Консентратсияи сафеда-100 мг/мл; стабилизатор-глитсин (22,5 +/- 7,5 мг/мл);

**- инфузия** - ба маҷрои хунгузар рехтани хунивазкунандаҳо ва доруҳо;

**- карантинизатсияи ҷузъҳои донории хун** - аз нигоҳдории онҳо дар давоми вақти муайян пас аз донорӣ то вақте мебошад, ки донорҳои муносиб такроран барои нишонаҳои (маркерҳои) сироятӣ муоина карда нашаванд. Ҳангоми натиҷаи манфии таҳлилҳо, ҷузъҳои хуни қаблан тайёркардашуда барои мақсадҳои тиббӣ истифода бурда мешаванд;

**- ҷузъҳои хун** - қисмҳои таркибии хун, ки аз он бо усулҳои гуногун дар шакли ҳуҷайраҳои хун ва бе муҳити ҳуҷайравӣ ҷудо карда шудаанд. Бо роҳи полоиш (филтратсия), сентрифугакунонӣ ва яхкунонӣ бо усулҳои дар ташкилотҳои

хадамоти хун қабулкардашуда ҷудо карда мешаванд. Намояндагони асосӣ: вазни эритроситӣ, консентрати тромбоситҳо, плазмаи ба тозагӣ яхкунонидашуда, криопресипитат, фраксияи плазмаи супернатантӣ, плазмаи зиддистафилококкӣ ва ғайра;

**- табобати ҷузъӣ** - усули муолиҷа, ки бо трансфузияи ҷузъҳои хун асоснок карда шудааст;

**- консентрати тромбоситҳо** - ин тромбоситҳои қобили ҳаёт ва аз ҷиҳати гемостатикӣ фаъол дар плазма мебошанд, ки бо усули силсилавии сентрифугакунонии хуни нигоҳдошташуда ё бо роҳи тромбоситаферези хуни як донор тайёр карда мешавад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар ҳарорати +22°С дар шароити омехтакунии доимӣ аз 3 то 5 шабонарӯз;

**- криоконсервакунонии ҷузъҳои хун** - дароз намудани вақти нигоҳдории ҷузъҳои хун бо роҳи яхкунонӣ;

**- криопресипитат** - ҷузъи дорои фраксияи криоглобулини омилҳои плазмавии лахташавии хун, ки то ҳаҷми 30± 5 мл ҷамъ карда шудааст. Дар муолиҷаи бемориҳо ва ҳолатҳои бо норасоии омили VIII лахташавӣ асоснокшуда (гемофилияи А, бемории Виллебранд), ҳангоми муолиҷаи ДВС–синдром (лахташавии диссеминии дохиливаридӣ) истифода бурда мешавад. Муҳлати нигоҳдорӣ аз лаҳзаи тайёр намудани хун аз донор бо ҳарорати пасттар аз –25°С то 3 сол мебошад;

**- лейкофилтратсия (лейкодеплесия)** - гирифтани лейкоситҳо аз хун ва ҷузъҳои он бо ёрии полоишҳои махсуси лейкоситарӣ;

**- эритроситҳои соф** - ҷузъе, ки ҳангоми сентрифугикунонии хун ва гирифтани плазма бо минбаъд софкунии эритроситҳо дар маҳлули изотонӣ ҳосил карда мешавад;

**- давраи даричаи иммунологӣ** - даврае, ки дар давоми он озмоишҳои айни замон барои сироят истифодашаванда ошкор намудани нишонаҳои сироятшавии инсонро имконият намедиҳанд, то он вақте ки сироят дар организми вай мавҷуд аст;

**- плазмаферез** - расмиёти донатсияи хун, ки тайёр намудани плазмаро аз донор бо трансфузияи бозпаси ҳуҷайраҳои хун ба вай пешбинӣ менамояд;

**- аксуламали полимерази занҷирӣ (АПЗ)** - синтези «in vitro» нусхаи махсуси қитъаи кислотаи дезоксирибонуклеинӣ (КДН) ё кислотаи рибонуклеинӣ (КРН) дар давоми якчанд соат бо ёрии ферменти кислотаи дезоксирибонуклеинӣ (кислотаи рибонуклеинӣ) полимераз мебошад. Аксуламали полимерази занҷирӣ барои ошкор намудани далели дар маводи таҳқиқшаванда вуҷуд доштани микроорганизми бемориовар дар давраи даричаи иммунологӣ имконият медиҳад;

**- ретсипиент** - шахси воқеӣ (бемор), ки ба ӯ хуни донорӣ ё ҷузъҳои он гузаронида мешавад;

**- плазмаи ба тозагӣ яхкунонидашуда (ПТЯ)** - ҷузъи аз хуни холис ё плазма истеҳсолкардашуда, ки бо усули плазмаферез тайёр карда шудааст, ба чунин мӯҳлатҳо ва бо чунин ҳароратe ях кунонида мешавад, ки дар ҳолати функсионалӣ ҳамаи омилҳои лахташавии хунро нигоҳ медорад. Ҳангоми вайроншавии системаи лахташавии хун, махсусан дар он ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки норасоии системаи лахташавӣ аз рӯи якчанд омилҳо вуҷуд дорад. Вақти яхкунонӣ то ҳарорати -30°С дар ядрои контейнер бо плазма на зиёдтар аз як соат мебошад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар ҳарорати пасттар аз -25°С то 3 сол аст;

**- фраксияи плазмаи супернатантӣ (ФПС)** - ҷузъе, ки аз плазма баъди гирифтани криопресипитат ҳосил карда шудааст. Он назар ба плазмаи ба тозагӣ яхкунонидашуда фаъолнокии баланди зиддилахташавӣ дорад. Дар муолиҷаи бемориҳои бо лахташавии баланди хун алоқаманд истифода бурда мешавад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар ҳарорати пасттар аз –25°С то 3 сол аз лаҳзаи тайёр кардани хун аз донор аст;

**- тест - система** - маҷмӯъ барои таҳлили иммуноферментӣ;

**- типпикунонии хун** - муайян кардани таркиби антигении хун;

**- трансфузия** - ба шахси воқеӣ (ретсипиент) гузарондани ҷузъҳо ё доруҳои хуни донорӣ;

**- табобати трансфузионӣ** - усули муолиҷа, ки ҳангоми он ҷузъҳо ва доруҳои хуни донорӣ истифода бурда мешаванд;

**- воситаҳои трансфузионӣ** - ҷузъҳо ва доруҳои хуни донорӣ;

**- сироятҳои трансфузионӣ (трансмиссивӣ)** - бемориҳои сироятӣ, ки ҳангоми гузарондани хуни донорӣ ва ҷузъҳои он ба ретсипиент мегузаранд. Намудҳои нисбатан аҳамиятноки онҳо - вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳои ғайрирӯдагӣ, оташак, сирояти ситомегаловирусӣ ва герпесӣ;

**- тромбоситаферез** - чорабинии донатсияи хун, ки тайёр намудани тромбоситҳои дар плазма ҳалшударо бо трансфузияи бозпаси эритроситҳо ва плазмаҳои вай ба донор пешбинӣ менамояд;

**- омили VIII** - сафедаи системаи лахташавии хун;

**- омили IX** - сафедаи системаи лахташавии хун;

**- ситаферез** - усули ҳосил намудани ҷузъҳои ҳуҷайравии хун аз як донор бо истифодаи сепараторҳои автоматикии ҳуҷайраҳои хун;

**- ситомегаловирус** - кислотаи дезоксирибонуклеинии вирус бо тропизми зоҳиршаванда ба лейкоситҳо. Ситомегаловирус бо роҳи алоқаи ҷинсӣ, инчунин тавассути моеъҳои биологӣ ҳангоми аллотрансплантатсияҳо ва гузарондани ҷузъҳои хун мегузарад;

**- хуни холис -** ин хуне мебошад, ки аз донор бо истифодаи антикоагулянти бесирояту апирогенӣ ва контейнер гирифта шудааст. Ҳамчун маводи аввалия барои тайёр намудани ҷузъҳои хун истифода бурда мешавад;

**- моддаи холиси эритроситӣ** - ин ҷузъи хун мебошад, ки аз хуни нигоҳ дошташуда баъди сентрифугакунонӣ ва гирифтани қисми плазма бо минбаъд ба вазни эритроситӣ илова намудани маҳлули ғизлаткунанда бо мақсади зиёд намудани муҳлати нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани хусусиятҳои реологӣ ҳосил карда шудааст;

**- вазни эритроситӣ** - ҷузъе, ки баъди аз хун гирифтани қисми плазма ҳосил мешавад. Барои ҷуброн намудани талафёбии хун ва муолиҷаи камхунӣ истифода бурда мешавад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар ҳарорати +4°С аз 21 то 42 шабонарӯз вобаста ба таркиби маҳлули нигоҳдошташуда, ҳангоми истифодаи технологияи яхкунонӣ то 10 сол мебошад.